Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Рачабзода Сорбон Абдусалом дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар Тоҷикистон», барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2022. – 33 сах.)

Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд, ки: «Кишвари мо роҳи эъмори ҷомеаи ҳуқуқбунёдро интихоб намудааст, ки яке аз ғояҳои асосии он таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад». Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бовар дошта бошанд, ки ҳангоми зарар дидан аз кирдорҳои ҷиноятӣ, онҳо метавонанд ба мақомотҳои дахлдор мурочиат намоянд ва ин мурочиатҳои онҳо тибқи тартиби қонунгузорӣ одилона ҳаллу фасл карда мешаванд.

Масъалаи ҷуброни зарар дар назарияи илми ҳуқуқшиносӣ ва амалия баҳснок ва мушкил буда, дорои хусусиятҳои худ мебошад. Институти товони зарар аз ҷиноят низ падидаи нав набуда, дар даврахои гуногуни таърихӣ вуҷуд дошт ва бо шаклу тарзҳои гуногун амалӣ карда мешуд. Новобаста ба он ки доир ба мавзуи мазкур олимони ватаниву хориҷӣ таҳқиқотҳо анҷом додаанд, вале паҳлуҳои гуногуни назариявӣ ва амалии институти мазкур то ҳол равшан нашудааст. Омӯзиш ва таҳқиқи институти товони зарар аз ҷиноят, муайян намудани ташаккул ва рушди ин институт дар сарзамини таърихии тоҷикон, инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар Тоҷикистони шӯравӣ ва соҳибистиқлол аз ҷониби диссертант саривақтӣ буда, имкон медиҳад, ки механизмҳои самараноки роҳҳои барқарор намудани товони зарари аз ҷиноят

расонидашуда коркард ва пешниҳод карда шавад. Бинобар ин, таҳқиқоти анҷомдодаи Рачабзода С.А. ба паҳлуҳои норавшан ва мураккаби институти товони зарар аз ҷиноят равшанӣ андохта, барои назария ва амалияи илми ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти калон дорад.

Диссертант дар таҳқиқоти хеш мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва нишонаҳои онро дода, таҳлилҳои мушаххас анҷом додааст. Аз ҷумла муаллиф қайд менамояд, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ чораи маҷбурсозии давлатӣ мебошад, ки барои ҳуқуқвайронкунии содиршуда аз ҷониби мақомоти босалоҳияти давлатӣ бо тартиби махсус татбиқ гардида, ба ҳуқуқвайронкунанда маҳрумият ва маҳдудиятҳои шахсӣ, молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро пеш меорад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз чунин нишонаҳо иборат мебошад: бо меъёри ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад; ба ҳуқуқвайронкунанда оқибатҳои номатлубро пеш меорад; ухдадориҳои иловагиро вомегузорад; аз ҷониби мақомоти махсуси давлатӣ татбиқ карда мешавад; бо тарики расмиёти махсус татбиқ карда мешавад; ҳуқуқвайронкунанда дучори маҳдудияти хусусияти моддӣ, ҳуқуқӣ ё шахсидошта мегардад; бо маҷбурсозии давлатӣ таъмин мегардад; ба тарики императивӣ амалӣ мегардад (саҳ. 31).

Мавзуи кори диссертатсионӣ яке аз масъалаҳои камомӯхташуда дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба ҳисоб рафта, ба иҷори банди 57-и Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Ҳамзамон, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – «Проблемаҳои назариявии ташаккули низоми ҳуқуқии ҶТ дар замони муосир барои солҳои 2016-2020» ва «Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии ҶТ дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ барои солҳои 2021–2025» анҷом дода шудааст.

Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки унвонҷӯ Рачабзода С.А. қобилияти таҳқиқот бурданро дошта, усулу равишҳои кор бо адабиёти илмиро хуб медонад ва моҳирона онҳоро дар кор истифода бурдааст. Нуктаҳои илмии пешниҳодшуда ва тавсияҳои амалии муаллиф бисёр аниқ ва мушаххас буда, истифодаи онҳо дар такмили қонунгузории соҳа ва илми ҳуқуқшиносии ватанӣ қобили дастгирӣ мебошад.

Муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин , баъзе масъалаҳое боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд:

1. Дар тавсияи ҳаштуми худ унвонҷӯ қайд кардааст, ки оштии ҷабрдида ва шахси ҷиноятсодиркарда (гумонбаршуда, айбдоршаванда, маҳкумшуда) бояд бо ҳуҷҷати алоҳида ба қайд гирифта шавад ва ин ҳуҷҷат ба маводҳои парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда шавад. Ин тавсияи муаллиф асосноккунии алоҳидаро талаб менамояд.

2. Дар банди ҳафтуми хулоса муҳаққиқ қайд намудааст, ки то замони ба Руссияи подшоҳи пайвастани Осиёи Марказӣ меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи одатӣ дар самти амалӣ намудани рӯёнидани товони зарари аз ҷиноят ба шахс расонидашуда дар ҳамбастагӣ амал мекарданд. Аз адабиётҳои ҳуқуқи маълум мегардад, ки меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ то нимаи аввали асри XX низ дар баъзе аз минтақаҳои Тоҷикистон амал мекарданд. Доир ба масъалаи мазкур асоснокунии иловагии мавқеи муаллифро пурсиданием.

Бояд қайд кард, ки эродҳои мазкур ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён намеоранд, баръакс асоси мустаҳкам гардидани мазмуну моҳияти кор мегарданд.

Диссертатсияи илмии Рачабзода Сорбон таҳқиқоти комил, анҷомёфта, комплексӣ буда, нуктаҳо ва тавсияҳои амалии он холигиро дар илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ, граждани, мурофиавии ҷиноятӣ ва граждани пурра мегардонад ва ин саҳми унвонҷӯ дар илми ҳуқуқшиносӣ ба шумор меравад. Дар мавзуи “Ташаккул ва инкишофи

институти товони зарар аз ҷиноят дар Тоҷикистон” кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Ҳаитов Саидали Поргиевич.

Имзои н.и.ҳ., дотсенти кафедраи
ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва
зиддикоррупсионии ДДМИТ,
С.П. Ҳаитовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДМИТ н.и.ҳ., дотсент Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроғa: 734067, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Нахимов 64/14, Тел: 231-02-01
e-mail: tgfeu@tgfeu.tj сомона: www.tgfeu.tj